**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати рисолаи илмии Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9-ум) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04– Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ))**

Мавзуи таҳқиқотии интихобнамудаи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар замони имрӯза мубрам буда, ба ҳалли масъалаи таълими забони тоҷикӣ ва ташаккули малакаҳои кор бо матнҳои классикӣ равона гардида, рушди маҳорат ва малакаи забондонӣ ва забоншиносӣ, баланд бардоштани савияи дониш ва маҳорату малакаи нутқи мураттаби хонандагонро дар назар дорад. Муаллиф таъкид месозад, ки забони тоҷикӣ мероси бузурги гузаштагон ва сарчашмаи файзбахши асолати миллӣ аст, аз ин ҷиҳат пешниҳод мекунад, ки дар таълими грамматика, бахусус, дар раванди омӯзиши синтаксис аз осори адибони классикии форсу тоҷик бисёртар истифода гардад. Чунки корбурди осори пурғановати классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ ба шаклгирии завқи адабӣ, забондонӣ ва зебоишиносии хонандагон, ҳамчунин, ба бедорсозии ҳисси хештаншиносии онҳо низ мусоидат менамояд.

Зимни тарҳрезии фарзияи таҳқиқот унвонҷӯ он нуктаро мадди назар гирифтааст, ки таълими самараноки масъалаҳои асосии синтаксиси забони тоҷикӣ, такмили фарҳанги нутқ, инкишофи нутқи муратaби муҳассилин дар раванди таълими ҳамаҷонибаи забони тоҷикӣ барои хонандагони синфҳои 8-ум ва 9-ум дар сурате имконпазир мегардад, ки агар раванди омӯзиши муҳимтарин қисмати забоншиносии тоҷик – синтаксис дар заминаи осори классикон роҳандозӣ шуда, таъмини салоҳиятҳои забонӣ ва коммуникативӣ (иртиботӣ), ташаккули маҳорат ва малакаи нутқи мураттаби хонандагон дастрас гардад.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар он аз нигоҳи тозаи пажӯҳиш бори нахуст дар илми лингводидактикаи ватанӣ коркарди асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон

дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар робита бо илмҳои лингвистика, педагогика, психология ва дидактика ба амал оварда шудааст.

Тавсиф ва ҷамъбасти натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар самти ташаккули салоҳиятмандӣ ва инкишофи нутқи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ собит карда, ки дар заминаи матнҳои классикӣ хонандагон ба фазои салоҳияти забонӣ ва коммуникативӣ дар сатҳи талаботи стандартҳои фаннӣ ва барномаи таълимӣ хубтар ва амиқтар ворид мешаванд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқотро, пеш аз ҳама, рӯй овардан ба ақидаҳои пешқадами забоншиносони маъруфи ватаниву бурунмарзӣ, андешаҳои педагогҳо ва методистони шинохтаи тоҷику рус тақвият бахшидаанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки маводи назариявӣ ва дидактикии дар рисола пешниҳодшуда ба омӯзгорон дар ташкили бонизоми дарс ва баланд бардоштани самаранокии машғулиятҳо ёрии амалӣ хоҳад расонд. Дар автореферати рисолаи илмӣ намунаи методҳо барои таълими босамари синтаксис, системаи машқҳо, супоришҳо, намунаи таҳлилҳои синтаксисӣ дар синфи 8-9-ум пешниҳод шудааст. Баррасӣ ва самаранокии онҳо на танҳо барои дарки синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаб, ҳамчунин, идроки маънохои барҷаставу баланди осори адабӣ ба хонандагон имкон хоҳад дод.

Саҳми шахсии унвонҷӯ аз нигоҳи бунёдӣ, асоснокии ғояҳо ва мулоҳизоти проблемаи таҳқиқ, коркарди амсилаи консептуалӣ равшан ба назар мерасад. Чунин иқдом имкон фароҳам овардааст, ки дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути матнҳои классикӣ ба раванди ташаккул ва рушди фаъолияти гуфтору навиштори муҳассилин (фаъолияти нутқӣ) дастуру тавсияҳои асоснок пешниҳод карда шавад. Диссертатсияи мазкур аз таҳлилҳои назариявию методологӣ ғанӣ буда, мафҳумҳои калидӣ аз ҷиҳати равонӣ-педагогӣ хеле муфассал таҳлил карда шудаанд. Мақсад, вазифа, фарзия ва муқаррароти диссертатсия татбиқ ва иҷро гардидаанд. Қобили зикр аст, ки натоиҷи асосӣ ва арзишманди пажуҳиш дар маҷаллаи илмӣ, маводи конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо баррасӣ

шуда, дар мақолаҳо инъикос ёфтааст.

Ба андешаи мо, диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9-ум) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон» таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогика ва методикаи соҳавӣ мебошад. Унвонҷӯ дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда далелу маводи заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Муаллиф аз адабиёти илмии зарурӣ огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад ва дар самти таҳқиқоти мазкур масъалаи мавриди таҳлилро дар робита бо истифодаи технологияи муосири таълими забони тоҷикӣ анҷом додааст.

Дар баробари дастовардхо дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд, аз ин рӯ пешниҳод мешавад, ки:

Азбаски меҳвари тадқиқот ба истифодаи осори классикон дар таълими наҳви забони тоҷикӣ нигаронида шудааст, ба андешаи мо, мебоист перомуни мавқеъ ва роҳу равиши истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони модарии даҳсолаҳои охир маълумоти боз ҳам бештару амиқтар дода шуда, камбуд ва норасоии онҳо дар муқоиса бо консепсияи аз тарафи диссертант пешниҳодшаванда ҳаллу фасл мегардид, аҳамияти тадқиқоти бурдашуда бештар ва аёнитар мегардид.

Ҳангоми ҳаллу фасли масъалаҳои илмӣ майл ба услуби бадеӣ бештар ба назар мерасад, масалан, дар истифодаи ибораву таркибҳои зерин: *оганда аз ҳунари волои суханпардозӣ, ганҷи шойгон, сухангустарони бузург* ва монанди инҳо, ки ба услуби илмӣ гардонидани чунин ифодаҳо низ ба фоидаи кор мебуд.

Дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он баъзе хатоҳои имлоӣ, услубӣ ва нуқсонҳои техникӣ ба назар мерасанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Камбудӣ ва норасоиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовнаро дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9-ум) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон» халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант

далелу маводҳои заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Муаллиф аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти таҳқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад.

Хулоса, диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9-ум) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон» сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04– Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) мебошад.

**Муқарриз:** **Ҷамолов Ҷумъабой Ҳисенович,**
**доктори фалсафа оид ба фанҳои филологӣ,**
**дотсенти кафедраи забоншиносии**
**Донишгоҳи давлатии Фарғона.**

Маълумот барои тамос:

Суроға: Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ш. Фарғона,
кӯчаи С.Темур - 64/11
Почтаи электронӣ: jumaboyjamolov@gmail.com
Тел: +998 99 300 85 68.

U. Djamolov
IMZOSINI TASDIQLAYMAN
FarDU KADRLAR BO'LIMI BOSHLIG'I
1 05 2025 y.